# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик). – Бохтар, 2025. – 175 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович яке аз самтҳо ва масъалаҳои пажӯҳишӣ дар шиносномаи ихтисоси илмии **6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)** буда, барои дарёфти дараҷаи илмии **доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос** комилан мувофиқ аст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Осори мансури бадеӣ, бавижа насри таърихӣ, дар адабиёти муосири тоҷик ҳамчун воситаи муҳим дар таҷассуми рӯйдодҳои замони гузашта, бозтоби чеҳраҳои маъруф ва таърихии миллат нақши муҳим ва муассир мегузорад. Дар таркиби жанрҳои осори насрие чун ҳикоя, қиссаву роман ва дигар анвои адабии дар ин давра иншошуда таваҷҷуҳи асосӣ бештар ба арзиш ва аҳаммияти таърихӣ, худшиносии миллӣ равона гардидааст. Ҳарчанд насри бадеии таърихӣ бо ибтикори устод Садриддин Айнӣ шакл гирифт ва дар замони шуравӣ аз сӯи нависандагоне чун Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва дигарон идома ёфт, вале дар даврони истиқлоли миллӣ ба марҳилаи нави рушди хеш ворид гардид. Ин таҳаввулот, пеш аз ҳама, ба тадбирҳои муҳимми сиёсиву фарҳангии давлатӣ, хосса таҷлили ҷашнҳои бузурги таърихиву тақдири чеҳраҳои барҷастаи адабиёт такя мекунад.

Ба назари мо, мавзуи интихобгардидаи диссертатсияи мазкур аз чанд ҷиҳат мубрам мебошад, пеш аз ҳама, роҷеъ ба зиндагинома ва осори адабии Аброр Зоҳир, вежагиҳои ҳунариву мавзуии таълифоти ӯ, хосса романҳои таърихии эшон дар адабиётшиносии тоҷик то кунун таҳқиқоти мукаммал, дар шакли диссертатсия ё монографияи илмӣ ба анҷом нарасидааст. Ба ҷуз баъзе ишораҳою андешаҳои донишмандони адабиётшинос, ки роҷеъ ба рӯзгор ва осори адиб дар асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тарҷумаиҳолӣ ва матбуоти даврӣ интишор гардидаанд, дигар дар ин мавзуъ кори ҷиддие ба поён нарасидааст. Он чӣ дар ин замина таълиф шудааст, асосан ба сурати мақола ва тақризҳои алоҳида ба қалам омадаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқиқ дар гузориши

масъала зоҳир гардида, бори аввал ба таври монографӣ таҳқиқ гардидани мавзуи зикршударо ифода намудааст. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур таҳқиқи ҳамаҷонибаи рӯзгор ва мероси адабии нависанда Аброр Зоҳир дар мисоли романҳои “Мунтасир” ва “Ҷилои ҷоми Ҷомӣ” ба сурати мустақил ва ҷудогона ба ҳисоб рафта, дар баробари ин, таъйин ва таҳқиқи амиқи хусусиятҳои насри таърихӣ, тасвири симоҳои адабию таърихӣ дар эҷодиёти адиб ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҳамчунин, сабабҳои ба насри таърихӣ рӯй овардани нависанда, ҳунари нависандагии ӯ дар офаридани симоҳои адабию илмӣ, равиш ва хусусиятҳои тасвири симоҳои адабию таърихӣ дар асарҳои ишорагардидаи нависанда бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик ба таври муфассал нақду баррасӣ гардида, диссертант ба мақсадҳои дар назди худ гузоштааш расида, онҳоро дар сатҳи зарурӣ матраҳ ва ҳал намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Турахонов Салоҳиддин дар он зоҳир меёбанд, ки натиҷаи таҳқиқ дар дарсҳои назариявию амалии факултети филологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» истифода шуда, маълумот, иқтибосот, ҳаҷми интишорот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва интихоби методҳо саҳеҳанд ва ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошанд. Қисматҳое аз диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дар семинарҳои махсуси факултети филология арзёбӣ гардидааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, нуҳ фасл, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи рисола иборат буда, 175 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Муаллиф дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъро асоснок намудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Дар **боби аввали диссертатсия** Турахонов Салоҳиддин роҷеъ ба “**Зиндагинома ва мероси адабии Аброр Зоҳир**” назар афканда, такя ба манобеъ ва таҳқиқоти қаблан анҷомёфта, оид ба рӯзгор ва осори адабии ӯ маълумоти илмии ҷолиб баён намудааст. Дар фасли аввали ин боб дар

хусуси рӯзгори нависанда аз замони таваллуд то даргузашт бар асоси маводи қомусҳо, таҳқиқоти марбут ба раванду ҷараёнҳои адабии давр, таърихномаҳои адабиёт ва дигар осори тарҷумаиҳолии адиб шарҳу баён ёфтааст. Аз таҳқиқоти анҷомёфта маълум мегардад, ки Аброр Зоҳир аз ҷумлаи нависандагоне мебошад, ки аз чунин ташаббус ва иқдомот истиқбол намуда, барои эҷоди намунаҳои насри бадеии таърихӣ иқдомоти шоистае анҷом додааст.

Диссертант дар фасли дуюм мероси адабӣ ва тамоюлҳои эҷодии Аброр Зоҳирро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар он самтҳои муҳими эҷодиёти нависанда ва осори дар ҳар бахш ба қалам омадаашро шарҳу тафсир намуда, тамоюлҳои эҷодии адибро ба панҷ гурӯҳ дастабандӣ намудааст.

Муҳаққиқ дар фасли сеюми боби мазкур, перомуни нақду баррасии осори Аброр Зоҳир маълумот медиҳад. Ба андешаи муаллиф Аброр Зоҳир аз ҷумлаи сермаҳсултарин нависандагони адабиёти муосири тоҷик ба шумор меравад. Бо ин ки ӯ асарҳои ҳаҷман калони насрӣ, аз ҷумла бештар роман эҷод намудааст, аммо на ҳамаи он дар нақди адабӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Аз ҷустуҷӯйҳои эшон маълум мегардад, ки якчанд қиссаву романҳои адиб дар диссертатсияҳои илмӣ, мақолаҳо ва тақризу ёдовариҳо нақду баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон таъкид шудааст, ки танҳо перомуни қиссаи «Мусофири ҷодаи ишқ» ва романҳои «Мунтасир», «Бозгашт», «Васвасаи дунё», «Буқаламун», «Муҷассамаи ишқ», «Арсаи набарди гургон», «Ёри ғор», «Майдон» ва «Ибни Лодан»-и Аброр Зоҳир назари муҳаққиқон ва аҳли илму адаб ба мушоҳида расиданд. Мувофиқи таҳқиқоти анҷомдода ба осори Аброр Зоҳир адабиётшиносону муҳаққиқон ва аҳли илму адаби тоҷик, аз ҷумла Атахон Сайфуллоев, Шоҳзамон Раҳмонов, Шамсиддин Солеҳов, Шарифмурод Исрофилниё, Замира Улмасова ва дигарон дар рӯзномаву маҷаллаҳои илмӣ тақризу мақолаҳо интишор намудаанд.

**Боби дувуми рисола «Мушаххасоти насри таърихӣ дар эҷодиёти Аброр Зоҳир»** ном дошта, маҷмуи масоили меҳварии таҳқиқи муаллиф дар ин бахши диссертатсия дар се фасл ҷой гирифтаанд. Фасли аввали ин боб «Мавзуъ ва мундариҷаи романҳои таърихии Аброр Зоҳир» ном дорад. Дар солҳои 90-уми қарни XX ва даҳсолаи аввали садаи XXI бо касби Истиқлоли миллӣ дар ҷомеа андешаҳои адабии нависандагону шоирон бештар ба сӯйи арзишҳои миллӣ ва таърихӣ равона гардиданд. Дар ин даврон адибон ба тасвири мавзуъҳои таърихӣ дар жанрҳои мухталифи осори насрӣ, чун ҳикояву қисса ва романҳо рӯй оварда, осори мондагори адабиву таърихӣ таълиф намуданд.

Аброр Зоҳир дар эҷоди осори бадеӣ чун қоидаи нависандагӣ аз навиштани жанри ҳикоя шуруъ намудааст. Ба андешаи муҳақиқ мақоми ин жанри насрӣ дар ташаккул ва маҳорати нависандагии Аброр Зоҳир нақши сазовор дошта, тозагӯиро дар иншои асарҳои калонҳаҷми ӯ қиссаву роман нишон медиҳанд.

Фасли дувуми ин боб «Инъикоси чеҳраҳои таърихӣ дар романи «Мунтасир» номгузорӣ гардида, нақши нависанда дар эҷоди симоҳои таърихии аҳди сомонӣ дар ин асар аз ҷониби муаллиф ба меҳвари таҳқиқ кашида шудааст. Дар ин роман персонажҳое иштирок доранд, ки аксари онҳо ба воқеаҳои таърихӣ иртибот дошта, теъдоди камашон натиҷаи тахайюли нависанда мебошанд.

Ба ақидаи унвонҷӯ андешаронии нависанда аз забони симоҳои роман хеле ҷолиб ва пандомӯзанд. Нависанда таъкид мекунад, ки дар масъалаи давлату давлатдорӣ ба неруи худӣ бояд таваҷҷуҳ кард. «Мунтасир» аввалин романи таърихии таълифнамудаи Аброр Зоҳир мебошад. Рӯй овардани нависанда ба навиштани таърихи ҳазорсолаи мо – тоҷикон аз он сабаб аст, ки мо баъди қарнҳои зиёд ба Истиқлоли комили давлатӣ ноил шудем ва ин рӯйдоди таърихии миллат маҳсуб ёфта, моро ба худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ раҳнамун месозад.

Фасли савуми боби дуюм «Тасвири симоҳои адабию таърихӣ дар романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» ном гирифтааст, ки дар меҳвари он офариниши чеҳраи бадеии шоир ва мутафаккири барҷастаи тоҷику форс Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ қарор дорад.

Аз мутолиаи романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» маълум мегардад, ки нависанда дар навиштани китоб осори илмию адабӣ ва таърихии замони шоир ва ҳамчунин, асарҳои таҳқиқотии дар бораи рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ навиштаи дигаронро низ мавриди мутолиаву омӯзиш қарор додааст. Нависанда дар навиштани чунин як романи таърихӣ маҳорати баланд нишон дода, ҳодисаю воқеаҳои дар китоб овардаашро хеле ҷаззобу табиӣ тасвир намудааст. Муҳаққиқ махсус қайд менамояд, ки тасвири воқеаву ҳодисаҳо ба ҳадде самимӣ ва саршор аз муҳаббат ҳастанд, ки зимни мутолиа хонанда чунин мепиндорад, ки муаллифи китоб шоҳиди тамоми мулоқоту вохӯриҳо, баҳсу мунозираҳо, сиёсатбозию мазҳабситезиҳои қаҳрамонҳои асари хеш ва воқифи асрор, донандаи мафкураву ақоид ва ҳамдаму ҳамрози онҳо бошад.

**Боби савуми диссертатсия «Вижагиҳои сабкии романҳои таърихии Аброр Зоҳир»** номгузорӣ шуда, дар фасли аввали он, ки «Сабки баён ва мухтассоти забонии романҳои таърихии Аброр Зоҳир» унвон дорад,

таҳқиқоти унвонҷӯ роҷеъ ба муҳимтарин махсусиятҳои услубии адиб нигаронида шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ ҳар як нависанда дорои забон ва услуби хосси худ мебошад. Аброр Зоҳир низ чун адиби сермаҳсули давраи Истиқлол бо вежагиҳои хосси забони осори мансури хеш таваҷҷуҳи хонанда ва аҳли таҳқиқро ҷалб намудааст. Ӯ тавассути эҷоди тасвирҳои зебо, истифодаи ташбеҳоти воқеӣ, маҷозу киноя ва зарбулмасалу мақолҳо аз забони зиндаи халқи тоҷик худро ҳамчун донандаи хуби назокатҳои хоси забони тоҷикӣ дар осораш нишон додааст. Дар баробари ин, тавассути корбурди ин падидаҳо забони осори хешро рангобарангӣ, ҷилои хосса ва фасоҳат бахшидааст.

Фасли дувуми боби савум «Истифодаи шеър дар романҳои «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» ном дорад. Дар ин фасли рисола кӯшиши унвонҷӯ ба он ба харҷ гардидааст, ки истифодаи шеър дар романи «Мунтасир» мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор дода шавад. Ёдовар бояд шуд, ки хонандаи тоҷик аввалин маротиба бо шеърҳои Мунтасир ҳамчун шоири замони Сомониён тавассути китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) ошноӣ пайдо карда буд.

Романи «Мунтасир» бо вуҷуди асари таърихӣ буданаш, дар он шеърҳои шоирони гузашта ва муосирони Мунтасир мавҷуд мебошанд. Масалан, дар китоб шеъри адиби замони қадим чун Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон (асрҳои 7-8 м.) ва ашъори шоирони замони Сомониён ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (858-941), Форобӣ (873-950), Абумузаффари Балхӣ, Абулмуайяди Балхӣ (ним. ав. а. Х), Муродӣ (ним. ав. а. Х), Абумансурӣ (ваф. 963), Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020), Унсурӣ (968-1040), Фаррухӣ (977/981-1038) ва Абуалӣ ибни Сино (980-1037) ба ин ё он муносибат истифода гардидаанд.

Дар фасли савуми боби савум, ки «Мавқеи зарбулмасалу мақол дар романҳои таърихии Аброр Зоҳир» ном дорад, таваҷҷӯҳи муҳақиқ ба унсурҳои муҳимми таъмини ғаномандии забони тоҷикӣ ва корбурди зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ дар таркиби осори бадеии Аброр Зоҳир равона мегардад. Ба андешаи муаллиф Аброр Зоҳир дар романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» дар баробари калимаҳои шевагӣ, ҳамчунин, зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи халқиро низ фаровон истифода карда, аз ин роҳ дар таҳкими сабки сухани хеш иқдом намудааст.

**Хулосаҳои муаллиф** дар дувоздаҳ банд ифода ёфтааст, ки илмиву мантиқан асоснок буда, натиҷагирии таҳқиқи мавзуи интихобшуда ба ҳисоб меравАнд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ҷамъбастии диссертатсияи мазкур метавонад дар

таҳқиқи насри таърихӣ дар адабиёти муосири тоҷик мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, маводи дар диссертатсия истифодашуда метавонад дар таҳқиқи масъалаҳои адабиёти муосир ва коргоҳи эҷодии адибони ҷудогона барои муҳаққиқони оянда ҳамчун замина ва ё намунаи таҳқиқ қарор гирад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар шинохт ва муаррифии бештари ҳунари нависандагии Аброр Зоҳир корбаст шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳои таҳқиқгардида ва ё маводи алоҳидаи онро метавон дар таҳияи маводи ёрирасони таълимӣ, омода кардани китобҳои дарсии адабиёти муосири тоҷик, дастурҳои таълимӣ-методӣ, матни маърузаҳои илмӣ истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои асосии пажӯҳиш 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёди илмии муаллифи диссертатсия дар кори таҳқиқии ӯ баъзе иштибоҳот роҳ ёфтаанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати диссертатсия хоҳад шуд:

1. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки аз чаҳор банд иборатанд, ба таври умумӣ ва васеъ баён шудаанд. Ба назари мо, беҳтар мебуд, агар ин қисмат ба бандҳои ҷудогона тақсим гардида, ҳар як нукта ба таври мушаххас ифода мегардид.

2. Фасли якуми боби дуюм ниёз ба таҷдиди назар дорад, зеро бо вуҷуди он ки унвони фасл ба баррасии мавзуъ ва мундариҷаи романҳои таърихӣ ишора мекунад, масъалагузорӣ ва таҳлилҳо ба таври кофӣ густариш наёфтаанд.

3. Дар фасли сеюми боби дуюм таҳти унвони “Тасвири симоҳои адабӣ ва таърихӣ дар романи “Ҷилои ҷоми Ҷомӣ” баррасии симоҳои адабӣ то андозае норавшан ба назар мерасад. Диссертант бештар ба таҳлили симои Абдураҳмони Ҷомӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дигар симоҳо камтар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои рисола (саҳ.4, 6, 7, 15, 19, 29, 39, 48, 51 ва ғ.) ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои беҳтар гардидани сифати умумии кор зарур аст.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмоновичро коста гардонида наметавонанд. Пас аз такмилу таҳрир ҳангоми таҳия ва нашри рисола ба

назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии диссертант ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Муаллифи рисола вазифаву ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро ҳал намудааст ва диссертатсияи ӯ кори таҳқиқии муҳим дар шинохти рӯзгор ва осори Аброр Зоҳир дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, саҳми шахсии муаллифро низ собит менамоянд ва ба меъёрҳои мавҷуда мувофиқанд.

Хулоса, диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар сатҳи зарурии илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, декани
факултети филологияи тоҷик ва
журналистикаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Зулфиев Г.Н.
«6» феврали соли 2026.

Маълумот барои иртибот:
735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сангов, 5/8
E-mail: zgn_1988@mail.ru
Телефон: (+992) 985-16-75-69.

Имзои Зулфиев Гадомад Нурмадовичро
тасдиқ мекунам:
сардори РК ва КМ Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.
«6» феврали соли 2026.

Маълумот барои иртибот:
735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
E-mail: info@kgu.tj.
Телефон: (833-22) 2-35-06.